# Тақриз

**ба диссертатсияи Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми забоншиносии муосир пажуҳиши муқоисавии забонҳо ба ҳисоб меравад, зеро дар шароити ташаккул ва таҳаввули амиқи ҷаҳони имрӯза, ҷаҳонишавии ҳадафу манфиатҳо, муттаҳид гардидани фарҳангҳову тамаддунҳои халқияту миллатҳои гуногун ва забонҳои олам, таҳқиқи забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русӣ ва англисӣ аҳаммияти махсусро ба худ касб намудаанд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва баррасии забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забонҳои русӣ ва англисӣ бидуни таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷониба ва дар муқоиса бо забони тоҷикӣ имконнопазир аст. Таҳқиқи муқоисавии забонҳои гуногунсохтор дар забоншиносӣ ҷанбаҳои мухталифи назариявӣ ва амалии масъалаҳои ҳалношуда, махсусан хусусиятҳои маъноӣ ва грамматикии забонҳои муқоисашавандаро ба таври мушаххас ошкор месозад. Ба ин ваҷҳ, метавон гуфт, ки дар воқеъ ин вижагиҳо яке аз шартҳои асосӣ ва муҳимми робитаи қавӣ байни назария ва амалияи омӯзишу таҳқиқи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳам мисли забонҳои дигари дунё дар луғоти хоси кишоварзӣ ифодаҳои гуногун мавҷуданд, ки аксарияти онҳо хоси ин забонҳо мебошанд. Бештари ин навъи вожаҳои кишоварзии забони тоҷикӣ низ унсурҳои қадима ва куҳанбунёд буда, таҳлил ва таҳқиқи онҳо аз аҳаммият холӣ нест.

Ҳамин тавр, муҳиммияти таҳқиқоти диссертатсия ба омӯзиши муқоисавии забонҳо дар забоншиносии тоҷик ва ҷаҳонӣ асоснок кардашуда, дар он бархе аз луғоти соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла, зироатҳои ғалладона, навъи онҳо, олотҳои меҳнат ва тарзи корбурди онҳо, феълҳои амал ва суннатҳое, ки марбут ба соҳаи кишоварзӣ мебошанд, дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба риштаи пажуҳиш даромадаанд.

Кишоварзӣ яке аз манбаҳои асосӣ ва муҳимми рӯзмарраи аҳли башар ба ҳисоб рафта, дар заминаи он вожаву истилоҳоти фарохӯри замон ба вуҷуд омадааст, ки ба маишату фарҳанги ҳар як халқу миллат робитаи мустаҳкам доранд. Аз ин ҷиҳат, вожаву истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ як қисмати

бузурги таркиби луғавии ҳар як забон, аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ ва англисиро фаро мегирад, ки аз бахшҳои гуногун иборат буда, ҳар як бахш пажуҳиши махсусро талаб мекунад. Чунки ҷараёни кору фаъолияти инсон дар кишоварзӣ собиқаи тулонии таърихӣ дошта, ризқу рӯзии аҳли башар аз он вобаста мебошад.

Таҳлил ва таҳқиқи хусусиятҳои маъноӣ, сохторӣ ва этимологии (решашиносии) истилоҳоти кишоварзӣ ва муқоисаи онҳо бо забонҳои дигар, хоссатан бо забонҳои русӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, зеро солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ зиёд гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Умаралиева Тахмина ҳам дар ҳамин самт, яъне баррасии истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ, бавижа зироатҳои ғалладона, навъҳову тарзи коркардашон, олотҳои меҳнати марбут ба ин соҳа, вожаҳои суннатӣ, инчунин феълҳои ба кишоварзӣ алоқаманди забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ бахшида шуда, дар он хусусиятҳои сохториву маъноӣ, қолабҳои калимасозӣ ва аз рӯйи имкон ҷиҳатҳои решашиносии бархе аз луғоти ин соҳа мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои ҳаётан муҳимми аҳли башар ба ҳисоб рафта, доираи он хеле васеъ, густурда ва паҳлуҳои гуногун дорад. Аз ин рӯ, дар бораи бархе аз ҷанбаҳои соҳаи кишоварзии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пажуҳишҳое анҷом ёфта бошанд ҳам, ҳамаи паҳлуҳои онро фаро нагирифтаанд. Бинобар ҳамин, зарурати интихоби мавзуъ ва ҳадафи таҳқиқ қарор додани мавзуи номбурдаро таваҷҷуҳи махсуси муаллифи диссертатсия оид ба хусусиятҳои сохториву маъноӣ, таърихи пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули калимаву истилоҳоти кишоварзӣ дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин кам омӯхта шуданашон аз нуктаи назари таърихиву забоншиносии муқоисавӣ ба миён овард.

Дар диссертатсия усулҳои гуногуни забоншиносии муосир, аз ҷумла таҳлили сохториву маъноӣ, муқоисавӣ, синхронӣ, диахронӣ, решашиносӣ истифода гардидааст. Ба ҷуз аз методҳои номбурда, инчунин методҳои махсуси илмӣ ва равишҳои тасвир ба кор рафтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб бо даҳ фасл, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт иборат буда, дар боби якум худи вожаи кишоварз бо муодилҳояш, зироатҳои ғалладона, вожаҳои марбут ба мафҳуми дарза, ғарами алаф, ҷой ва макон, инчунин тарзи кӯфтани зироатҳои ғалладона ба риштаи таҳлил ва таҳқиқи муқоисавӣ даромадааст.

Дар боби дуюм диссертант дар бораи вожаву истилоҳоти олоти меҳнат, раванди корбурди онҳо дар ин соҳа, таҳлили юғу испор ва

қисматҳои он, феълҳо, суннатҳо, инчунин нидоҳои ҳайвоноти хонагӣ, ки марбут ба соҳаи кишоварзӣ мебошанд ва монанди инҳо маълумоти муфассал дода, бо забони англисӣ муқоиса намудааст.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Умаралиева Тахмина дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" кори таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2020 № 267 тасдиқ шудааст, посухгӯ буда, барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ тавсия дода мешавад.

**Роҳбари кори илмӣ:**
**мудири шуъбаи забони тоҷикии**
**Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Рӯдакии АМИТ,**
**номзади илми филология** **Мирзоев Сайфиддин Ҷаборович**

**Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 21**
**Тел: (+992) 919-80-38-20.**
**E-mail: sayf_yagnob@mail.ru**

**Имзои Сайфиддин Мирзоевро**
**тасдиқ мекунам:** **Нарзикулова Ҳилола**
**нозири кадри ИЗА**
**ба номи Рӯдакии АМИТ**
**"20 " июни соли 2024**